**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович пажуҳиши яке аз масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ – таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар бар мегирад. Табиист, ки таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва заминаҳои ташаккулу такомули ин навъи истилоҳот то ҳол ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Инчунин умумияту фарқият ва таҳлилу баррасии хусусиятҳои луғавӣ, маъноиву сохтории ин навъи истилоҳот дар ду забони гуногунсохтору гуногуннизом, яъне тоҷикӣ ва англисӣ ба таври комил нишон дода нашудаанд.

Ҳадафи баррасии мавзуи мазкур дар таъйини омӯзиш, таҳқиқ ва муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва грамматикии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз диссертант барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои пешгузошта маводи назарии бахшида ба низоми истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро омӯхта, фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносиву тафсирӣ ва сарчашмаҳои амалиро таҳлил намудааст. Ҳамчунин баррасии мафҳуми истилоҳ дар забоншиносӣ, сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таҳлили решашиносии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ошкор намудани умумият, шабоҳат ва тафовути луғавию маъноии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию англисӣ, роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ба таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву англисӣ, нақши усулҳои маъмули истилоҳсозӣ дар ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро муайян намудааст.

Ба сифати объекти таҳқиқот истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию англисӣ, ки асосан дар заминаи фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносиву тафсирӣ ва асарҳои таърихиву мардумшиносӣ гирдоварӣ шудаанд, интихоб гардидаанд.

Асарҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ аз ҷумла М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М. Султон, Ҳ. Саидов, С. Ҷаматов, П. Г. Нуров, Ш. Ҳайитова, Ш. Каримов, А. А. Реформатский, А. В. Суперанская, Д. С. Лотте, Г. Смит ва Э. Сепир асосҳои назариявии кори диссертатсионӣ маҳсуб ёфта, ҳамчунин, барои таҳлилу баррасии амиқи мавзуъ, методҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили ҷузъҳо ва таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториву решашиносӣ истифода гардидаанд.

Диссертант дар таълифи рисола талаботи методиву методологии кори илмиро риоя намуда, сохтори онро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт ба низом даровардааст, ки мантиқан дуруст аст.

Дар муқаддима ҳамаи бандҳои муқаррargардида, аз ҷумла, мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ ва навоварии илмии кори диссертатсионӣ тавзеҳ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном гирифта аз 5 фасл иборат аст.

Фасли якум ба шарҳу тавзеҳии назариявии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Фасли дуюм фарогири мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулогарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ мебошад. Дар ин қисми кор инчунин таҳлили сохториву омории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ дар заминаи сарчашмаҳои зикргардида, пешниҳод гардидааст.

Фаслҳои сеюм ва чоруми боби мазкур бошад ба таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст.

Фасли панҷуми боби якум «Таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, муаллиф дар ин фасл истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз лиҳози вижагии мавзуӣ гуруҳбандӣ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия бевосита фарогири омӯзиш ва пажуҳиши яке аз паҳлуҳои мавзуи таҳқиқшаванда – вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар чор фасл ба таври зарурӣ ҳалли худро ёфтааст.

Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки луғату истилоҳоти кулолгарӣ дорои семантикаи ғанӣ буда, дар он дар баробари сармаъноӣ, маънои маҷозӣ низ инкишоф ёфтааст, ки ҷузъи муҳимми таркибии фонди луғавию фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маҳсуб меёбанд.

Дар боби сеюм «Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки аз чор фасл иборат таркиб ёфтааст, амалишавии яке аз мақсадҳои асосии таҳқиқот, муайян намудани роҳҳои асосии истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф натиҷаи таҳқиқоти худро дар 21 банд натиҷагирӣ намуда, андешаҳои оид ба таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷамъбаст кардааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия ба забони илмӣ иншо гардида, бобу фаслҳои он ҷанбаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқро фаро гирифта, ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд.

Қобил ба зикр аст, ки диссертант мавзуи мазкурро мушаххас ва амиқ таҳлилу баррасӣ намуда, дар таҳқиқи он муваффақ гаштааст. Ҳадафҳои гузоштаи ӯ дар таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пурра амалӣ гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи мазкур аз лиҳози муқоисаву муқобала дар забоншиносӣ бори нахуст таҳқиқ гардидааст, ки навгонии таҳқиқотро асоснок менамояд.

Албатта, дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд:

1. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (саҳ. 7, 10, 13, 16, 24) ғалатҳои илмоӣ ва техникӣ дида мешаванд. Хуб мешуд агар муаллиф онҳоро ислоҳ менамуд.
2. Сарчашма ва асарҳои асосии дар таҳқиқот истифодагардида бо гунаи аслии русӣ оварда шудаанд. Агар муаллиф дар қавсайн тарҷумаи онҳоро ба забони тоҷикӣ пешниҳод менамуд, арзиши рисола боз ҳам баландтар мешуд.

Эродҳои номбаршуда наметавонад ҳаргиз қиммати илмии диссертатсияро бикоҳонад.

Дар умум, автореферати диссертатсия тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, мақолаҳои нашршуда баёнгари мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Илова бар ин, диссертатсияи мазкур аз аҳаммияти амаливу назариявӣ бархурдор буда, таҳлилу хулосабарориҳои он метавонад дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла, дар омӯзиши масоили истилоҳоту истилоҳшиносӣ ва таҳияи фарҳангҳо истифода гардад.

Хулоса аз фишурдаи рисола натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқотии ба анҷомрасида буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарова Рухшона Бегназаровна

Имзои номзади илмҳои филологӣ Р. Б. Сафароваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳамидов Шохрух Бозорович

**Суроға:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
Сомонаи расмӣ: www.apa.tj
*Моб: 93-444-04-86;*
Email: Raksana@list.ru